**Дастурамал**
**оиди пур кардани ҳисоботи шакли №29 кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи ҷамъоварии ҳосили зироатҳо»**

1. Ҳисоботи шакли №29-кишоварзиро ҳамаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз шакли моликияташон пур карда, ба мақомоти омори давлатии ноҳия (шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон соле як маротиба 5 декабр бо усули электронӣ пешниҳод менамоянд.

Дар ноҳияҳое, ки заминҳои обӣ доранд, корхонаҳои кишоварзӣ маълумотро дар бораи ҷамъоварии – умумии дар хоҷагӣ аз ҳамаи заминҳо ва аз он ҷумла аз заминҳои обӣ нишон медиҳанд.

Ҳисобот ба ҳолати 1 декабр пур карда мешавад ва эътимоднокии маълумоти заминҳои кишт ва ҷамъоварии ҳосили ҳар як намуди зироат ба ҳақиқати ҳол мувофиқат кунонидан зарур аст.

Дар ҳолатҳое, ки хоҷагӣ дар мавриди пур кардани ҳисоботи шакли №29 – кишоварзӣ на ҳама зироатҳои кишоварзиро ҷамъовари намуда бошад, ҳосили боқимонда аз рӯи ҳосилнокии миёна муайян карда мешавад ва агар зарур шавад ба миқдори маҳсулоте, ки соли гузашта баъди 1 декабр ҷамъоварӣ шуда буд, муқоиса карда шуда, дар ҳисобот дохил карда мешавад.

Ҳисоботи шакли №29 – кишоварзӣ аз се қисми асосӣ иборат аст:

Қисми 1 – «Зироатҳои кишоварзӣ», қисми 2 – «Боғҳо, буттамеваҳо ва токзорҳо», Қисми 3 – «Ҳамаи заминҳои кишоварзӣ» (аз рӯи баланси замин ба 1 январ). Дар навбати худ ҳар як қисм ба намудҳои зироатҳо ҷудо карда шудааст.

**<u>Қисми 1 «Зироатҳои ғалладонагӣ»</u>**

2. Дар қисми 1 шакли №29-кишоварзӣ дар сутуни 1 маълумоти аниқшудаи заминҳои кишти зироатҳо нишон дода мешавад. Дар ин сутун маълумоти аниқшудаи заминҳои кишт, ки дар шакли №4 – кишоварзӣ бо кишти дермонда барои ҳосили соли ҷорӣ, ки баъди супоридани шакли №4 –кишоварзӣ гузаронида шудааст нишон дода мешавад.

Ба заминҳои талафшудаи тирамоҳӣ дохил мешавад:

а) кишти зироатҳои тирамоҳие, ки дар давраи тирамоҳу – зимистон то саршавии кишти баҳорӣ пурра талаф ёфтааст (новобаста аз он, ки дар ҷои он кишти зироатҳои баҳорӣ гузаронида шудааст ё не);

б) зироатҳои тирамоҳие, ки баҳор талаф ёфтаанд ва дар ҷои онҳо зироатҳои баҳорӣ кишт шудааст;

в) зироатҳои тирамоҳие, ки баҳор талаф шудаасту, аммо дар ҷои он зироатҳои баҳорӣ кишт нашудаанд.

Оиди майдони заминҳои ҳосилаш аз офатҳои табиии зарардидаи тирамоҳӣ, ҳамон заминҳое ҳисобида мешаванд, ки дар ҷои онҳо зироатҳои баҳорӣ кишт гузаронида шудааст ё умуман замин холӣ мондааст.

Дар қисми «Кишти зироатҳои баҳорӣ барои ҳосили соли ҷорӣ» ҳамаи заминҳои кишти зироатҳои баҳории соли ҷорӣ, нишон дода мешавад.

Кишти зироатҳои баҳорие, ки дар замини зироатҳои нобудшудаи тирамоҳӣ гузаронида шудааст, ба замини он зироатҳое дохил карда мешаванд, ки аз нав кишт карда шудааст ва боз алоҳида дар сатри махсус нишондода

мешавад «аз он ҷумла; ба ҷои кишти тирамоҳии нобудшуда, кишти баҳорӣ гузаронида шудааст».

Агар замини кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ нобуд шуда бошад ва ба ҷои он аз нав кишти баҳорӣ гузаронида шуда бошад, пас замини кишт аз ҳисоб бароварда шуда, кишти аз нав коридаи зироати баҳорӣ дохил карда мешавад. Замини талафёфтаи зироатҳои баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар давраи баҳор, ки аз нав кишт шудааст, аз ҳисобот бароварда намешавад.

Кишти картошка, сабзавот ва дигар зироатҳо, ки пеш аз зимистон (барвақтӣ) кишт шуда бошанд якҷоя бо кишти баҳории зироатҳои асосӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Замини умумии ҳамаи кишти баҳорӣ (бе алафҳои бисёрсолаи солҳои гузашта) ҷамъ карда мешавад: зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёи баҳорӣ, ҷуворимакка барои дон, зироатҳои техникӣ, картошка, сабзавот, полизӣ ва зироатҳои хӯроки чорво.

Агар дар замини зироатҳои тирамоҳие, ки барои хӯроки сабз ё силос истифода бурда бошанд ва соли ҷорӣ то охири кишти баҳорӣ аз нав зироатҳои баҳорӣ кишт карда шуда бошанд, пас кишти ин зироатҳои баҳорӣ дар ҳисоботи шакли №29 – кишоварзӣ ҳамчун кишти асоси нишон дода мешавад ва дар майдонҳои умумии кишт дохил карда мешавад.

Зироатҳои ғалладонагӣ ва лубиёиҳое, ки дар давраи тобистон нобуд шуда бошанд (ҳатто дар ҳолатҳое, ки агар онҳо барои чарогоҳ, беда, хӯроки сабз ва силос истифода бурда бошанд ҳам) аз миқдори ғалладонагиҳо ва лубиёиҳо бароварда намешавад ва ба гурӯҳи зироатҳои хӯроки чорво гузаонида намешаванд.

Агар кишти зироатҳои ғалладонае, ки барои беда, хӯроки сабз ва силос кошта шуда бошад ва дар ҳисоботи шакли №4 – кишоварзӣ ҳамчун кишти алафҳои яксола ё кишт барои силос ва ҳақиқи барои дон ҷамъоварӣ шуда бошад, он вақт онҳо бояд дар ҳисоботи шакли №29-кишоварзӣ на дар гурӯҳи алафҳои яксола, ё ки кишт барои силос, балки дар гурӯҳи зироатҳои ғалладонагӣ дар зироати худаш нишон дода шаванд.

Масалан: Дар хоҷагӣ дар мавсими баҳор 20 гектар нахӯд барои силос кишт шуда буд. Дар мӯҳлати ҳисоботи барои силос фақат 5 га ва боқимонда -15 га барои ғалла ҷамъовари шудааст. Дар ин ҳолат дар ҳисоботи шакли №29 – кишоварзӣ 5 га нахуде, ки барои силос ҷамъовари шудааст дар сатри «Зироатҳои силосбоб (бе ҷуворимакка)» нишон дода мешавад ва боқимонда 15 га нахуд дар сатри «Нахӯд барои дон» нишон дода мешвад.

Ҳамин тавр агар ҷуворимакка барии хӯроки сабз кишт шуда бошад, аммо дар ҳақиқат барои дон ҷамъоварӣ шуда бошад, пас он дар ҳисоботи шакли №29-кишоварзӣ дар гурӯҳи зироатҳои ғалладонагӣ дар сатри «Ҷуворимакка барои дони пурра расида» нишон дода мешавад.

Агар баъзе китъаҳои кишт (аз майдони нобуд нашуда) баҳор барои дон кишт карда шуда бошад, аммо ҳақиқи барои беда, хӯроки сабз ва силос, инчунин барои ғелак ва ғайра истифода шуда бошад, пас дар ҳисоботи шакли №29- кишоварзӣ онҳо дар гурӯҳи алафҳои яксола ё ки кишт барои силос нишон дода мешаванд ва сабаби гузарониданро бо баёнот шарҳ додан лозим. (Санади мутахассисони раёсати кишоварзӣ ва қарори Ҳукумати ноҳия асос мешавад).

Кишти баъзе зироатҳо (масалан, шолӣ, арзан, марҷумак), ки фақат барои дон кишт карда мешаванд, онҳо ба алафҳои яксола ё ки зироатҳои силосбоб гузаронида намешаванд.

Аз сабаби он ки дар баъзе мавридҳо беасос гузаронидани кишти зироатҳои ғалладонагӣ ба гурӯҳи зироатҳои хӯроки чорво роҳ медиҳанд (дар баъзе ҳолатҳо замини ғалладонаи талафёфтаро низ ба зироати хӯроки чорво мегузаронанд) зарур аст, ки чунин амалҳо қатъӣ назорат карда шаванд.

Зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳорие, ки дар давраи тобистон талаф ёфтаанд, ҳатто онҳо барои хӯроки чорво истифода бурда бошанд ҳам, ба гурӯҳи алафҳои яксола, чи тавре дар боло зикр шуда буд, гузаронида намешавад, ба кадом мақсад кишт шуда бошад, ҳамон тавр нишон дода мешаванд.

Агар зироат дар давраи тобистон нобуд шуда бошад ва дар ҷои он зироати нав кишт шуда бошад, дар ин маврид дар ҳисоботи №29-кишоварзӣ замини кишт ва ҳосили зироате, ки аз нав кишт шудааст нишон дода мешавад.

Дар вақти пур кардани ҳисоботи шакли №29-кишоварзӣ маълумоти охирин дар бораи заминҳои кишти ҳар як зироат бояд ба ҳисоботи шакли №4-кишоварзӣ муқоиса карда шавад. Дар мавриде, ки замини кишти зироатҳои ғалладона нисбат ба маълумоти охирин кам шуда бошанд, ба сабаби гузаронидани зироатҳои ғалладонагӣ ба гурӯҳи зироатҳои хӯроки чорво, бояд баёнот ва ҳуҷҷатҳои зарурии тасдиқшаванда пешниҳод карда шавад. Барои маълумот: агар дар хоҷагӣ замини шудгоршудаи дамдодашуда бошад пас миқдори он дар фасли 4 баъди сатри 1631 навишта мешавад.

3. Замини кишти ҳар як гурӯҳи зироати алоҳида ҷамъ карда мешавад: «ҷамъи зироатҳои ғалладонагӣ ва лубиёӣ» (сатри 1140); «ҷамъи зироатҳои техникӣ» сатри (1238); «ҷамъи зироатҳои картошка ва сабзавоту полизӣ» (сатри 1324); «Ҷамъи зироатҳои хӯроки чорво» (сатри 1434) ва дар сатри 1440 «Ҳамаи заминҳои кишт барои ҳосилисоли ҷорӣ». Замини кишти байни қаторҳои боғҳо (сатри 1442).

4. Дар ҳисобот низ кишти такрори зироатҳои (дермонда), байниқаторӣ (зич) дар сатри 1625 якҷоя, аз онҳо – зироатҳои хӯроки чорво (сатри 1630), аз он ҷумла ҷуворимакка барои силос ва хӯроки сабз сатри (1631) – нишон дода мешавад.

5. Дар сутуни 2 «Замини ҳосилаш ҷамъоваридашуда» нишон дода мешавад:

- зироатҳои ғалладонагӣ, тухмии зироатҳои техникӣ ва алафзорҳои барои тухми ҳосилаш кӯфта шуда бошанд (бо якҷоягии ҷамъоварӣ бо комбайн);

- дигар зироатҳо – ҷамъоварии ҳақиқии ҳамаи замин то мӯҳлати ҳисоботӣ, бо якҷоягии он замине, ки ҳосилаш ҷамъоварӣ шудаасту, лекин ҳосилаш ҳоло пурра ба ҳисоб гирифта нашудааст ва даромад карда нашудааст.

Замини кишти аниқшуда ва замини умумии ҷамъоваришуда ба ҳисоби гектари бутун нишон дода мешавад.

Дар мавриде, ки агар замини ҷамъоваришуда нисбат ба змини кишт кам бошад (аз ҳисоби талафоти тобистона ё к ибо дигар сабабҳо) ҳатман сабаби фарқият баёнот дода шавад.

Дар сутуни 3 «Ҷамъоварии ҳақиқии ҳосил аз ҳамаи заминҳо» доир ба зироатҳоӣ ғалладонагӣ, тухмии зироатҳои техникӣ ва алаф, истеҳсоли ҳамаи

миқдори ғалла, тухмӣ, ки аз ҷамъоварии комбайн, аз кӯфтани техникаи ғаллакӯби ва дастӣ нишон дода мешавад. Доир ба ҳамаи дигар зироатҳо ҷамъоварии ҳосиле, ки то мӯҳлати ҳисоботӣ, ҳисоб ва даромад карда шудааст нишон дода мешавад.

Ҳосили ҷамъоваришуда бо сентнер нишон дода мешавад.

Маълумотҳои масоҳати замини ҷамъоваришуда ва ҳосили онро бо маълумотҳои оперативии ҳисоботи шакли №7-кишоварзӣ ҳатман муқоиса карда мешавад.

Дар сутуни №4 оид ба зироатҳои ғалладонагӣ, офтобпараст барои дон, тухми алафҳои яксола ва бисёрсола ҳосили ҳақиқӣ дар вазни баъди коркард нишон дода мешавад.

6. Дар сутуни №5 ҳосилнокии миёна аз як га ба ҳисоби сентнер нишон дода мешавад, ки бо роҳи тақсим кардани сутуни 3 ҳосили умумиро ба сутуни 2 замини ҷамъоваришуда муайян карда мешавад ва ҳамаи зироатҳо бо аломати даҳяк (0,0) навишта мешавад.

7. Агар дар хоҷагӣ кишти такрорӣ (дермонда), мобайни, байни қаторҳо (зич) бошад, ҳосили ин киштҳо дар сутуни 6 «Ғайр аз ин, ҳосили аз байни қаторҳо» ва кишти такрорӣ ҷамъоваришуда дар вазни аввала қабул шуда (сентнер) нишон дода мешавад.

Дар ин сутун низ ҳосили зироатҳои худруй ба ҳисоб гирифта мешавад.

8. Ҷамъоварии ҳосили ғалладонагӣ ва лубиёиҳо бо вазни аввала даромада карда мешавад.

Ҷуворимакка аз рӯи таъиноти хоҷагӣ ҳисоб карда мешавад:

а) ҷуворимакка барои дон пурра расидагӣ ба ҷумлаи ғалладонагиҳо;

б) ҷуворимакка то давраи ширадорӣ, ширадорӣ барои силос, хӯроки сабз (сӯтаю пояаш) ба ҷумлаи хӯроки чорво.

Ҷамъоварии ҳосили ҷуворимакка барои дон дар ҳолати пурра пухта расидагӣ ба ҳисоб гирифта мешавад ва дар ҳисоботи шакли №29-кишоварзӣ дар намуди нишондиҳандаҳои зерин нишон дода мешавад:

а) сутаи ҷуворимакка – вазни асли (сатри 1116);

б) ба ҳисоби дони хушкшуда (сатри 1117).

Гузаронидаи ҳисоби сутаи ҷуворимаккаи пурра расида ба дони хушкшуда аз рӯи баромади ҳақиқии дони ҷуворимакка пас аз кӯфтани сутаҳои як шабонарӯза 22 фоиз намнокии дон дар сута муайян карда мешавад.

Фоизи миёнаи баромади дон аз сута бо роҳи тақсим намудан:

$$\frac{\text{вазни ҳисоби (зачетный) дон} \times 100}{\text{вазни физики сута}} =$$

Аз ин ҷо вазни ҳисоби ғалла баробар аст ба вазни ғалла ҷамъ ё тарҳи ҳаҷми зиёдшавӣ ё камшавӣ аз руи намнокӣ ва ғажнокӣ.

Кишти ҷувори (сорго) барои дон (сатри 1135), ки танааш барои ҷоруб истифода бурда мешавад ба гуруҳи зироатҳои ғалладона дохил мешавад, агар кишти ҷувории (сорго), ҷоруб, ки дар давраи ширадорӣ ҷамъоварӣ карда шавад ба гурӯҳи дигар зироатҳои техникӣ (сатри 1238) ҳисоб карда мешавад.

9. Зағир, лаблабуи қанд, картошка ва дигар зироатҳои кишоварзӣ бо вазни аслии даромадшуда нишон дода мешавад.

## Боби II. Зироатҳои техникӣ

Пахта (сатри 1201) ва маҳсулоти пахтаи хом (якҷоя бо пахтаи дар худи хоҷагӣ боқимонда) бо вазни ҳисобӣ даромадшуда на бо вазни физикӣ дар давраи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

Аз замини умумии пахта замини пахтаи навъи маҳинах ҷудо карда мешавад (сатри 1202).

Дар сатри 1203 пахтаи дар хоҷагӣ боқимонда нишон дода мешавад, сатри 1216 тамоку, 1218 дони офтобпараст, 1219-зағир, соя навъи лубиё сатри 1221, масъар (рапс)-(сатри1224), куҷит (сатри 1226), маъсар (сафлор) (1227) ва фундуки заминӣ (арахис)-(сатри1228), растаниҳои доруворӣ-(сатри 1230), анҷирбар сатри (1232) ва дигар зироатҳои техникӣ (сатри 1236) дар ҳисобот фақат замини киши аниқшуда нишон дода мешавад.

## Боби III. Картошка, сабзавот ва зироатҳои полезӣ

10. Картошка дар сатри 1301 тамоми ҷамъоварии картошка – калону майдааш ба ҳисоб гирифта мешавад бо якҷоягии картошкае, ки ба коргарон ва дигар шахсон ба ивази ҳаққи меҳнат дар вақти ҷамъоварии ҳосил дода шудааст.

11. Дар сатри 1302 маҳсулотҳои сабзавот фақат аз заминҳои кушод ба ҳисоб гирифта шуда, дар ҳисобот сабзаволе, ки қисман ҷамъоварӣ шудааст (то ва баъди ҷамъоварии асосӣ дохил шудааст) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар қатори сабзавоти кишти асосӣ – карами ҳархела (1303), бодиринг (сатри 1305), помидор (1306), лаблабуи ошӣ (сатри 1307), сабзӣ (сатри 1308), бехпиёз (сатри 1309), сирпиёз (сатри 1310), дигар сабзавотҳо (сатри 1314) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Заминҳои кишти зироатҳои сабзавот бо гектар бо як аломати даҳяк ва ҳосили умумӣ бо сентнер бутун нишон дода мешавад.

Ҷамъи маълумотҳои зироатҳои алоҳида бояд ҷамъбасти умумии сабзавотро диҳад.

Замин ва ҳосили умумии сабзавотҳои тухмии дусола (сатри 1316), сабзавотҳои тухмии яксола (сатри 1317), кӯчати тухмии зироатҳои сабзавоти дусола (сатри 1318) ба замин ва ҳосили умумии сабзавот дохил намешавад ва он алоҳида нишон дода мешавад. Ба тухмии сабзавотҳои яксола (бодиринг, помидор ва дигарҳо) замине дохил мешавад, ки ҳосилаш пурра барои гирифтани тухми сабзавот истифода шуда бошад, замин ва маҳсулоти он пурра дар сатри «Сабзавот» нишон дода мешавад.

12. Дар сатри 1320 «Полизии хурокворӣ» замин, ҳосили умумӣ ва ҳосилнокӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри алоҳида 1323 тухми полизиҳои хурокворӣ нишон дода мешавад.

## **Боби IV. Зироатҳои хӯроки чорво**

13. Дар қисми 4 ҳисобот «Зироатҳои хӯроки чорво» замин ва ҳосили умумӣ, бехмеваи хӯроки чорво (сатри 1401), лаблабуи қанд барои хӯроки чорво (сатри 1402), шалғам барои хӯроки чорво (сатри 1403), бехмеваи хӯроки чорво (сатри 1404) ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 1405 полизии хӯроки чорво нишон дода мешавад.

Ҷуворимаккаи то давраи ширадорӣ, давраи ширадорӣ появу сутааш барои силос ва хӯроки сабз (бо вазни баргу пояи сабз), дар сатри 1406 дар ҷамъи умумӣ нишон дода мешавад.

Дар ҳисоботи ҳақиқии ҷамъоварии баргу пояи сабз ва сӯтаи ҷуворимакк нишон дода мешавад, ки бо роҳи баркашӣ муайян карда мешавад.

Аз миқдори умумӣ, аз он ҷумла маҳсулоти баргу пояи сабзи ҷуворимакк барои силос (сатри 1407) ва хӯроки сабз (сатри 1408) ҷудо карда мешавад. Ҳосили ҷуворимаккае, ки дар ҳисобот ҳамроҳ карда намешавад.

Оид ба зироатҳои силосбоб (бе ҷуворимакка сатри 1409) замини ҳамаи зироатҳои барои силос ва ҷамъоварии ҳосил баргу пояи сабзе, ки аз ин замин гирифта шудааст нишон дода мешавад.

Масоҳати растаниҳои худрӯи ёбоӣ, баргҳои карам, картошка, бехмеваҳои хӯроки чорво, лаблабуи қанд ва ғайраҳо ва ҳамчунин алафҳои табии ба ин нишондиҳанда дохил намешаванд.

Дар сатри 1421 «Алафҳои бисёрсолаи солҳои гузашта - ҳамагӣ», замине нишон дода мешавад, ки то охири кишти баҳорӣ беофат мондааст барои беда, тухмӣ, хӯроки сабз ва чарогоҳ.

Ҷамъоварии ҳосили алафҳои кошташудае, ки барои хӯроки сабз даравида шудааст (бо якҷоягии баргу пояи сабзе, ки барои тайёр намудани орди витаминдор ва сенаж истифода бурда шудааст), лекин оиди алафҳои бисёрсола, ки барои силос даравида шудааст, дар ҳисобот бо вазни баргу пояи сабз нишон дода мешавад.

Агар корхонаҳои кишоварзӣ ду се маротиба дарав карда бошад, пас дар ҳисобот дар сутуни 2 замини як бор дарав кардагӣ нишон дода мешавад, лекин дар ҷамъоварии ҳосил ҳама даравҳо ҷамъ карда мешавад.

Ҳосилнокӣ бо роҳи тақсим намудани ҷамъоварии ҳосили ҳамаи даравҳо ба замин дарав (яъне замине, ки дар он фақат даради якӯм гузарпонида шуда буд) муайян карда мешаванд.

Дар ҳолате, ки дарав барои беда истифода бурда шуда бошаду, дигараш – барои хӯроки сабз, дар ҳисобот замини даравидашуда дар сутуни 2 бояд ду маротиба нишон дода шавад, як бор барои беда даравида шудааст, маротибаи дуюм барои хӯроки сабз.

Ҷамъи заминҳои ҷамъоваришудаи алафҳои яксола ва бисёрсола мумкин ба заминҳои кишти ин алафҳо мувофиқат накунад аз ҳисоби замини талафёфтаи кишт ё к иду маротибагӣ истифодабарии як замин.

Азбаски барои тарбеда алафҳои намнокиаш 50- 55% парида истифода бурда мешавад, онҳо бояд ба алафҳои сабз даравидагӣ гузаронида шаванд. Барои гузаронидани алафҳои нимхушк ба алафҳои сабзи нав даракардашуда коэфицентҳои тахминии зерин истифода бурда мешаванд:

| Агар фоизи намнокии алафҳои нимхушк, ки барои сенаж хароҷот шуда чунин аст. | пас миқдори алафҳои нимхушк дар вақти гузаронидан ба алафҳои намнокиашон ба коэфисентҳои зерин зарб задан лозим. | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 67% | 70% | 75% | 80% |
| 50% | 1,52 | 1,67 | 2,0 | 2,5 |
| 55% | 1,36 | 1,5 | 1,8 | 2,25 |

Алафҳое, ки барои силос ё хӯроки сабз хароҷот мешавад, бе гузаронидани вазни аслии онҳо нишон дода мешавад.

14. Дар қисми «Гармхонаҳо» истифодабарии заминҳои гармхонаҳо, парвардахонаҳо, замини гарм нигоҳ доштташуда ва кишти зери пленка нишон дода мешавад, ки кишти барои ҳосили соли ҷорӣ гузаронида шудааст.

## 2. «Боғҳо, буттамеваҳо ва токзорҳо»

16. Қисми 2 ҳисоботи шакли №29- кишоварзӣ ба таври зайл пур карда мешавад.

Дар сутуни 1 (сатрҳои 2101, 2106, 2112, 2122, 2201, 2301, 2501 ва 2601) боғҳо, буттамеваҳо, тутзор ва токзорҳои ҳама сину сол ва дар сутуни 2- аз он ҷумла дарахтзори ҳосилдиҳанда сарфи назар аз он ки аз онҳо дар соли ҷорӣ ҳосил ҷамъоварӣ карда шудааст ё не нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои ҳамаи дарахтон аз он ҷумла мевадиҳанда дар баробари нишон додани майдони боғу токзорҳо шумораи дарахтон низ нишон дода мешавад.

Дар сатри 1 ва 2 ҳисоботи замини умумӣ ва ҳосилдиҳандаи боғу буттамевагиҳо ва токзорҳо ба ҳисоб гирифта мешавад, бо якҷоягии хориҷшудагон (списанные) (сарфи назар аз вақти хориҷшавӣ), лекин ҳоло решакан (расскарчевка) карда нашудааст.

Дар сатри 2 ин қисми шакли №29- кишоварзӣ замини он дарахтонеро низ ба ҳисоб мегиранд, ки дар соли ҳисоботӣ аз онҳо ҳосил гирифта шудаасту, лекин дар вақти пур кардани ҳисобот ин дарахтон решакан (расскарчевка) карда шудаанд.

Агар дар хоҷагӣ дар як қитъа дарахтҳои гуногун бошад, (мисол, тухмдор ва донакдор) пас бо роҳи гузаронидани шумораи ин намуд дарахтон ба истифодабарии нормаи дарахтшинони дар 1 га муайян карда мешавад.

Масалан: Дар хоҷагӣ боғи омехта тухмдору донакдор дар замини 25га мавҷуд аст. Дар асл дар боғ 2500 дарахти тухмдор ва 9600 дарахти донакдор. Барои ҳамин ноҳия (хоҷагӣ) аз рӯи схемаи ниҳолшинони дар як га тухмдор 312 ва донакдор 800 ниҳол қабул карда шудааст.

Тақсим намудани 25 га замин ин тавр гузаронида мешавад: замини боғ аз рӯи нормаи миёнаи ниҳолшинони дар як га муайян карда мешавад.

$$2500 : 312 = 8 \text{ га}$$

$$9600 : 800 = 12 \text{ га}$$

Сипас заминҳои боғи тухмдор ва донакдор ба ҳисоби фоиз муайян карда мешаванд.

$$\text{Боғи тухмдор } \frac{8 \times 100}{8+12} = 40\%$$

$$\text{Боғи донакдор } \frac{12 \times 100}{8+12} = 60\%$$

Ҳамин тавр замини умумии 25 га 40% ё ки 10га

$\frac{40 \times 25}{100}$ боғи тухмдор

ва 60% ё ки 15 га $\frac{60 \times 25}{100}$ боғи донакдорро ташкил медиҳад.

Замини боғҳо бутамеваҳо ва токзорҳо бо гектари бутуни навишта мешавад.

Дар сутуни 3 ҳосили умумӣ (аз дарахтҳои мевадиҳанда ва дарахтҳои ҷавоне, ки ҳоло ба истифода дода нашудаанд), лекин дар сутуни 4- аз он ҷумла аз дарахтҳои мевадиҳанда нишон дода мешавад. Оид ба бутамеваҳо (сатри 2201) ҳосили умумӣ ҳам аз замини алоҳида ва ҳам ҳосили байни қаторҳо нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои 3 ва 4 ҷамъоварии маҳсулоти иловагӣ баъди мӯҳлати ҳисоботӣ низ нишон дода мешавад. Ҷамъоварии умуми бо сентнери бутун навишта мешавад. Дар сутуни 5 ҳосилнокии миёна аз як га нишон дода мешавад, ки роҳи тақсим намудани сутуни 4 ба сутуни 2 муайян карда мешавад ва бо сентнер бо як рақами даҳяк навишта мешавад.

Дарахтҳои мевадиҳандаи ёбои ва ҳосили онҳо дар ҳисобот нишон дода намешавад.

**Дар бораи ҳисоботи шакли**
**<u>№ 29- кишоварзӣ дар заминҳои обӣ</u>**

17. Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва дигар хоҷагиҳои давлатие, ки замини обӣ доранд сутунҳои 7 – 12 –ро низ пур мекунад, оид ба боғҳо ва токзорҳо бошад, сутунҳои 8 – 14-ро пур мекунанд.

Дар вақти пур кардани ҳисобот дар бораи ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ ва дарахтони бисёрсола дар заминҳои обӣ, дар назар доштан лозим, ки дар ин ҳисобот замин ва ҳосили замини обии ба воситаи обҳои захирашудаи обамборҳо ва обпартовҳо (лиманное) дохил карда намешвад.

Заминҳои кишт ва ҳосили пахта ва шолӣ дар заминҳои обёришаванда дар ҳисоботи шакли №29- кишоварзӣ, чӣ дар заминҳои умумӣ ва обёришаванда якхела нишон дода мешавад. Ғайр аз ҳодисаҳое, ки кишти ин зироатҳо дар заминҳое, ки ба воситаи обҳои захирашудаи обамборҳо, обпартовҳо ва заминҳои обёришавандае, ки ҳоло чун қоида қабул нашудаанд ва дар ҳисоботи давлатии мавҷудияти заминҳои обёришаванда ба 1 январи соли ҷорӣ (шакли №22-А) дохил карда нашудаанд. Дар ин ҳолат замин ва ҳосили умумии пахта ва шолӣ дар заминҳои обёришаванда бояд кам бошад, назар ба ҳамаи заминҳо.

Маълумот дар бораи ҳаҷми замини кишт ва замини ҷамъоваришуда дар заминҳои обёришаванда ва ҳосили онҳо бояд дар асоси ҳисоботҳои муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ, ки штампи (обёришаванда) дошта бошад,

мувофиқат кунад. Қоидаи пур кардани ҳисоботи №29-кишоварзӣ дар заминҳо и обёришаванда ҳам монанди ҳама заминҳо аст.

18. Роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ ва дигар хоҷагиҳои давлатӣ бояд дар сари вақт ва пурра даромад кардани ҳама ҳосили ҳақиқиро таъмин намоянд ва ҳисоботи аниқ дар бораи замини кишту замини ҳосилаш ҷамъоваришуда ва ҳосили ҷамъоваригардида пешниҳод намоянд.

Ҳисоботро бояд роҳбари хоҷагӣ (корхона) ва сармуҳосиб имзо кунанд.

Шахсони имзокунандаи ҳисобот барои эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот ва дар саривақт пешниҳод намудани он ҷавобгаранд.